# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии № ___**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз**
**12 марти соли 2026, № 27**

**Барои сазовор донистани Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, 25 декабри соли 2025, №23 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, куч. Мастонгулов - 3, толори Шурои диссертатсионии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин 16-уми апрели соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2004 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2009 аз руйи ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ хатм намудааст.

Аз соли 2009 то соли 2020 дар вазифаҳои муаллим, иҷрокунандаи вазифаи сардори кафедра ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз 20-уми апрели соли 2020 то ин ҷониб ба ҳайси дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2025, №12 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҳимзода Рамазон Ҳамро – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**– Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва ҳамкориҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**– Маҳмудов Изатулло Тешаевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Эльназаров Д.Х. – мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Умедов К.М. ва котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Алифбеков А.Н., имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода И.Р. санаи 13 феврали соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия дорои сатҳи баланди илмӣ буда, ба талаботи муқарраркардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Ҳамчунин, дар хулосаи мазкур зикр карда шудааст, ки шарҳ мувофиқи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Фармони №267-и Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва

услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 ададӣ онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Муаллифи диссертатсия дар омода намудани «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа» саҳми муаллифӣ дорад, ки айни замон воситаи таълимии мазкур дар раванди омӯзонидани курси таълимии «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа» дар факултетҳои дахлдори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Ҳамчунин, дар ҳайати ҳаммуалифӣ китоби дарсии «Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисмҳои умумӣ ва махсус)» ба нашр расонида шудааст, ки мавзуъҳои дахлдори самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳаққи муаллифии диссертант алоқаманд мебошанд. Китоби дарсӣ, воситаи таълимӣ ва мақолаҳои нашргардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Нуриддинзода, С.Н. Асоснокии ҳамкории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва баъзе аз проблемаҳои танзими ҳуқуқии он [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №2 (54). – С. 204-212. – ISSN 2410-2903.

**[2-М].** Нуриддинзода, С.Н. Танзими ҳуқуқӣ ва дурнамои назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави ислоҳот [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №8. – С. 252-259. – ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Нуриддинзода, С.Н. Баъзе аз проблемаҳои ҷойдошта оид ба нақши мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – №4. – С. 246-254. – ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Ваизода, Н.Д., Нуриддинзода, С.Н. Ҳолати муосири назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Н. Ваизода, С.Н. Нуриддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – №5. – С. 264-270. – ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Нуриддинзода, С.Н. Баъзе масъалаҳо оид ба тарбия ва такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави ислоҳоти милитсия [Матн] / С.Н Нуриддинзода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №2 (58). – С. 44-53. – ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Нуриддинзода, С.Н. Тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсия ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ислоҳоти милитсия [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити дигаргуншавии ҷомеаи Тоҷикистон: мушкилот ва стратегияи рушд. – Душанбе, Нашриёти РТМТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – С. 68-85.

**[7-М].** Нуриддинзода, С.Н. Баъзе аз проблемаҳои амалӣ ва норасогии қонунгузорӣ оид ба баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши қонунгузорӣ дар ислоҳоти милитсия: муваффақият ва норасогиҳо» – Душанбе: «Контраст», 2023. – С. 55-57.

**[8-М].** Нуриддинзода, С.Н. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ [Матн] / С.Н. Нуриддинзода // Маводи IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18 апрели соли 2025). – С. 413-416.

**III. Китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ-методӣ:**

**[9-М].** Солиев, К.Х., Мансурзода, А.М., Абдулаҳадзода, А.А., Нуридинзода, С.Н., Мирзорустамов, М.М. Раҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа [Матн] / К.Х. Солиев, А.М. Мансурзода, А.А. Абдулаҳадзода, С.Н. Нуридинзода, М.М. Мирзорустамов. Зери назари сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 84 с.; ISBN 978-99975-906-9-5.

**[10-М].** Нуриддинзода, С.Н. Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисмҳои умумӣ ва махсус [Матн]: китоби дарсӣ / С.Н. Нуриддинзода [ва диг.]. (Муал. Боби 4. – С 69-88; Боби 5. – С 92-98; Боби 6. – С 105-119; Боби 23. – С 459-480). – Душанбе: «Контраст», 2024. – 836 с.; ISBN 978-99985-875-9-5.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Муродзода А.А.** – судяи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Камолзода Ҷ.К.** – муовини сардори Маркази таълимӣ, ӯ низ сардори шуъбаи таълими Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Хайруллозода А.Л.** – сардори шуъбачаи тайёрии кадрҳо ва муассисаҳои таълимии Шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Муаллиф бо дарназардошти таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии соҳавӣ, зикр менамояд, ки ниҳодҳои ҷамъиятии дар назди мақомоти корҳои дохилӣ фаъолияткунанда (шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорон, дастёрони ихтиёрӣ) аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолият аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фарқ менамоянд. Вобаста ба ин, муаллиф дар банди 8-и хулосаи автореферат қайд намудааст, ки дар қатори субъектони ҳамкорикунанда бо мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» пешбинӣ гардидаанд, ба таври алоҳида муайян намудани дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ ва шурои собиқадорон ҳамчун субъектоне, ки барои иҷрои вазифаҳои милитсия дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кумак мерасонанд, фарқияти байни ниҳодҳои ҷамъиятии зикршударо аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муайян менамоянд. Аммо, дар матни автореферат ба таври возеҳу равшан асоснокӣ оид ба фарқияти хусусияти ташкилӣ-ҳуқуқии ниҳодҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ нагардидааст.

2. Дар банди сеюми пешниҳодҳо ба ҳимоя, таърифи муаллифии ҳисоботдиҳии мақомоти корҳои дохилӣ дар байни аҳолӣ манзур гардида, қайд шудааст, ки: «Ҳисоботдиҳии нозири минтақавии милитсия дар байни аҳолии минтақаи хизматӣ ҳамчун яке аз маҳаки асосии

баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматии нозири минтақавии милитсия арзёбӣ мегардад». Аммо, чи хеле ки аз талаботи Низомномаи нозирони минтақавии милитсия бар меояд, онҳо вазифадоранд, ки дар се моҳ як маротиба дар назди аҳолии минтақаи хизматӣ ҳисоботро оид ба фаъолияти хизматии хеш ва вазъи оперативии минтақа пешниҳод намоянд. Дар иртибот ба ин, аз муаллиф хоҳиш карда шудааст, ки андешаи иловагии худро ҷиҳати навгонии пешниҳоди илмии мазкур иброз намояд.

3. Дар зербоби дуюми боби якум зикр гардидааст, ки дар давраи аввали солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии собиқ Иттиҳоди Давлатҳои Шуравӣ дар танзими муносибатҳо оид ба ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ назаррас арзёбӣ мегардад. Яъне, то кадом андоза воқеияти татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии сохтори давлатдории қаблӣ дар низоми нави давлатдорӣ, метавонад, ки эҳтимолан шубҳаро ба вуҷуд орад.

Дар маҷмуъ эродҳои зикршуда сатҳу сифати корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** масъалаи ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳлили муқаррароти Барномаи ислоҳоти милитсия барои ду марҳила (2014-2020 ва 2021-2025) бори нахуст дар шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадии мазкур баррасӣ карда шуд;

– **пешниҳод шудааст:** таърифи муаллифии мафҳумҳои ҳамкории

мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шакли ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳисоботдиҳии мақомоти корҳои дохилӣ дар байни аҳолӣ, хусусиятҳои тавсифӣ ва таснифотии мафҳумҳои зикршуда, инчунин, роҳандозӣ намудани ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеа дар асоси моделҳои дахлдори таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ;

– **исбот шудааст:** ниҳодҳои ҷамъиятии дар назди мақомоти корҳои дохилӣ фаъолияткунанда (шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорон, дастёрони ихтиёрӣ) аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолият аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фарқ менамоянд. Аз ин рӯ, ифодаи ибораи «иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ба танзими фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятии зикршуда ҳамчун шакли дастаҷамъонаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ паҳн намегардад;

– **ҷорӣ намудани:** пешниҳоди мукаммал вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи милитсия», «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳои назариявии дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашударо метавон дар омӯзиши минбаъдаи масоили илмӣ-назариявӣ ва амалии марбут ба ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа, бахусус, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди такмили қонунгузории соҳавӣ ба таври васеъ истифода гардида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма ва заминаи боэътимод баромад намоянд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** самтҳои гуногун ва ҷанбаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар қисмати хусусияти умумидошта аз нигоҳи илмҳои фалсафа, мантиқ, психология, сотсиология, назарияи иқтисодӣ, назарияи идоракунӣ ва дар қисмати аҳаммияти махсус (самти тахассусӣ) аз нигоҳи илмҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ, идоракунии фаъолияти маъмурии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамкории милитсия бо ҷомеа ва ғайра мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд. Дар таҳқиқот усулҳои умумии фалсафӣ, ба монанди усулҳои диалектикӣ, низомнок, функсионалӣ, таҳлилӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили усулҳои махсуси расмӣ-

ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, сохторӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои пурсиш (пурсиши хаттӣ) ва мусоҳиба (пурсиши шифоҳӣ) ҳамчун усулҳои мушаххаси таҳқиқоти сотсиологӣ низ истифода гардидааст.

– **баён шудани** таснифоти шаклҳои ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ вобаста ба хусусияти ошкорогӣ ва махфият, барасмиятдарории шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, самти фаъолият, ҳайат (аъзогӣ), таъйиноти функсионалӣ, мазмуни вазифаҳо ва тартиби иҷрои онҳо ва ҷузъиёти ҳифзиҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки меъёрҳои қонунгузории амалкунандаро оид ба танзими иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятҷӣ мукаммал ва пурра месозанд;

– **ошкор гардидани** омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи объективӣ ва субъективии костакунандаи ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз як ҷониб ба пояҳои бунёдии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсири манфӣ расонида, аз ҷониби дигар ба иҷрои воқеии талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ислоҳоти милитсия дар самти тақвият бахшидан ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа монеа мешаванд ва дар умум сатҳи пешгирии ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар алоқамандӣ ба ҳамкории байни ин ду ниҳод коста мегардад;

– **омӯхта шуданд:** қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва баъзе аз давлатҳои хориҷии дигар оид ба танзими фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, милитсия ва ташкили ҳамкории байни онҳо, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, маҷмуи асарҳои назариявӣ ва амалиявӣ оид ба масъалаҳои мубрами мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

– **аз нав такмил додани** баъзе аз муқаррароти қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз ҷумла, дар қатори субъектони ҳамкорикунанда бо мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» пешбинӣ гардидаанд, ба таври алоҳида муайян намудани дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ ва шурои собиқадорон ҳамчун субъектоне, ки барои иҷрои вазифаҳои милитсия дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кумак мерасонанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои аз он бадастомада метавонанд аз ҷониби мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмини

тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин, дар такмили қонунгузории соҳавӣ, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи милитсия», «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, истифода гарданд. Илова бар ин, маводи диссертатсияро метавон ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисоси кормандони кормандон ва таълими фанҳои «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа», «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ», «Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» истифода бурд.

– **муайян карда шуданд, ки** ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар асоси муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алалхусус, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ба роҳ монда мешавад. Ифодаи ибораи «Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти милитсия» ба ҷойи ибораи «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи милитсия»-и қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» моҳиятан ва мазмунан тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ ва дохилиидоравиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектони гуногуни ҳуқуқэъҷодкунӣ қабул гардида, фаъолияти милитсия, аз қабили фаъолияти он дар самти ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро танзим менамоянд;

– **коркард шуд:** дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ба таври умумӣ ифода ёфтани иштироки мақомоти давлатӣ дар иҷрои вазифаҳои милитсия ба амалигардонии фаъолияти якҷояи мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар мақомоти давлатӣ дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонида, масъулияти як тарафро (аслан мақомоти дигари давлатиро) то ҳадди лозимӣ пешбинӣ наменамояд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади тақвияти фаъолияти якҷоя ва ҳамкории мақомоти дахлдори давлатӣ бо мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ зарурати мушаххас намудани низоми мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо ҷой дорад. Бо дарназардошти ҳалли масоили мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» моддаҳои нав дар таҳрири моддаи 6 (1) ва 6 (2) бо мазмуни зерин зерин илова карда шаванд:

**Моддаи 6 (1). Мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

Мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти

миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия, Агентии назорати маводи нашъаовар, Гвардияи миллӣ, Хадамоти гумрук, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, Кумитаи андоз ва мақомоти дигари таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд, ки дар асоси қонун амал мекунанд.

Таъмини тартиботи ҷамъиятӣ барои тамоми мақомоти дигари давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи салоҳияти муқарраршудаи онҳо, ҳатмӣ мебошад.

Милитсия дар иҷрои вазифаҳои худ метавонад бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ бо тартиби дар Қонуни мазкур ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ҳамкорӣ кунад.

**Моддаи 6 (2). Ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ**

Фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектони дигари таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҷиҳати иштироки онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шароитҳои муқаррарӣ, ҳангоми баргузории чорабиниҳои оммавӣ ва шароитҳои махсуси хусусияти криминогенидошта аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ҳамоҳанг карда мешавад.

Ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ Нақша-чорабиниҳои якҷояи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таҳия карда шуда, аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ тасдиқ карда мешавад.».

**– муаррифӣ карда шуд:** бо мақсади тақвият бахшидан ба фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ, инчунин, ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷомеа дар муҳокима ва қабули қарорҳо дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудани Қонун «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти давлатӣ» ва бо мақсади мушаххас ва дар амал ҷорӣ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» дар самти ҳимояи иҷтимоии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ, қабул намудани «Низомнома дар бораи тартиби суғуртаи шахсии хатмии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ ва ҷуброни зарари ба саломатӣ ва молу мулки онҳо расонидашуда» зарурат тақозо дорад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки унвонҷӯ ҳангоми пажӯҳиш ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи

шаҳрвандӣ дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ такя намуда, ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар самти ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои муаллиф дар заминаи маълумоти оморӣ, ҷамъбасти натиҷаи назарсанҷиҳои шаҳрвандон ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба даст оварда шудаанд;

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** роҳандозӣ намудани ҳамкории милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеа дар асоси моделҳои дахлдори таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, аз қабили милитсияи/политсияи ба ҳалли масоил нигаронидашуда (дар самти ҷалби ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ ба лоиҳаҳои ҳамкорӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ), политсияи ҳамсоягӣ (дар самти таъсир расонида тавонистани аъзоёни ҷомеа ба нақша ва афзалиятҳои политсия ва амалиёти муштараки полис бо шарикон ва ҷомеа), политсияи дастгирӣ (дар самти таҳияи Барномаи миллӣ оид ба баланд бардоштани боварии (эътимоди) шаҳрвандон ба фаъолияти политсия), политсияе, ки фаъолияташ ба шаҳрвандон нигаронида шудааст (дар самти таҳияи дастурамал оид ба принсипҳои кори корманди полис бо шабакаҳои иҷтимоӣ-интернетӣ) ба татбиқи воқеии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ислоҳоти милитсия/политсия ва устуворгардонии пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мусоидат менамоянд;

– **ғоя асоснок шудааст, ки** ҳисоботдиҳии нозири минтақавии милитсия дар байни аҳолии минтақаи хизматӣ ҳамчун усули ҳамкории мутақобилаи байни милитсия ва ҷомеа бо дарназардошти чунин хусусиятҳо ҳамчун маҳаки асосӣ ва ҳатмии баҳодиҳи ба фаъолияти хизматии нозири минтақавии милитсия эътироф мегардад: аввало, яке аз усулҳои асосии дар амал татбиқ намудани ҳамкории милитсия бо ҷомеа мебошад; дуюм, усули ҳамкории мутақобилаи ҳатмӣ (дар доираи талаботи санади ҳуқуқӣ муайяншуда) ва ҳуқуқӣ (аз натиҷаи баргузории он протоколи ҳисоботдиҳӣ ба расмият дароварда мешавад) ба ҳисоб меравад; сеюм, боварии аҳолӣ ба шахси ҳисоботдиҳанда (корманди милитсия) зиёд мегардад; чорум, фазои мусоид барои кормандони милитсия ва аҳли ҷомеа ҷиҳати табодули афкор ба миён меояд; панҷум, ҳисси масъулияти тарафҳо барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти минтақа бедор мешавад; шашум, заминаи мусоид барои ҷалби ҳар чи бештари аҳолӣ ҷиҳати бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноят ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ба миён меояд; ҳафтум, шаҳрвандон аз натиҷаи фаъолияти корманди милитсия ва вазъи

криминогении минтақа ва маҳалли зисташон бохабар мешаванд; ҳаштум, роҳи дастаҷамъонаи ошкор ва ҳал намудани мушкилоти ҳалталаби шаҳрвандон ба ҳисоб меравад;

– **муайян шудаанд:** дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни шакл ва усулҳои ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа ҳамчун амали мутақобилаи ду ҷониб дар намудҳои меъёр - самти фаъолият, меъёр - принсип, меъёр - вазифа, меъёр - шакли ҳамкорӣ, меъёр - усули ҳамкорӣ ва ғайра пешбинӣ гардидааст. Дар муқарраротои қонунгузории соҳавӣ оид ба танзими шаклҳои ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бенизомӣ ва парокандагӣ ба чашм мерасад. Қонун «Дар бораи милитсия» дар батанзимдарории муносибатҳо хусусияти умумӣ дошта, санадҳои зерқонунӣ ва дохилиидоравӣ ба тамоми аҳолӣ хислати дастнорасӣ доранд. Аз ин рӯ, зарурат ба вуҷуд меояд, ки ба Қонун «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки батанзимдарории муносибатҳоро мушаххас мегардонад, дар қисмати меъёрҳои танзимкунандаи шаклҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа, тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шавад. Пешниҳод ба тағйирот бояд шаклҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеаро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ вобаста ба хусусияти ошкорогӣ ва махфият, барасмиятдарории шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, самти фаъолият, ҳайат (аъзогӣ), таъйиноти функсионалӣ, мазмуни вазифаҳо ва тартиби иҷрои онҳо ва ҷузъиёти ҳифзиҳуқуқӣ дар бар гирад;

– **истифода карда шуданд:** дар раванди таҳқиқи рисолаи диссертатсионӣ ҳисоботи расмии омории шуъбачаи «Алоқаи Мадад-и 1919» ва телефони боварии Вазири корҳои дохилӣ (221-21-21)-и Шуъбаи оперативии Раёсати нозиротӣ-ташкилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2020 то соли 2024, натиҷаҳои назарсанҷӣ дар байни шаҳрвандон ва кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд. Ҳамчунин, таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба самти фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкили фаъолияти байни ин ду ниҳод дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ асос ёфтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** Саҳми довталаб дар иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқи диссертатсионӣ, баррасии ғояҳо, таҳияи консепсияҳо, натиҷаҳо ва муқарраротои илмӣ то сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ зоҳир мегардад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 12 марти соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд тасдиқ гардида, 9 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо онҳо 4 нафарашон доктори илм ва як нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 9 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назарзода Н.Ҷ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С.

12 марти соли 2026